# Дар ҳақиқат, дунё ширину сарсабз аст ва Аллоҳ дар он шуморо ҷонишин қарор додааст ва мебинад, ки чӣ гуна амал хоҳед кард. Пас аз дунё ва аз занон битарсед

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Дар ҳақиқат, дунё ширину сарсабз аст ва Аллоҳ дар он шуморо ҷонишин қарор додааст ва мебинад, ки чӣ гуна амал хоҳед кард. Пас аз дунё ва аз занон битарсед. Зеро аввалин фитнае, ки дар бани Исроил рух дод, дар занон буд."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд, ки дунё аз нигоҳи таъм ширин ва дар чашм сарсабз аст, барои ҳамин инсон ба он фирефта мешавад ва худро барояш хаста мекунад ва ҳама фикру зикри худро дар он қарор медиҳад. Ва Аллоҳ Таъоло баъзеи моро дар зиндагии дунявӣ ҷонишини баъзеи дигар қарор додааст ва менигарад, ки чӣ гуна рафтор мекунем, оё аз Ӯ итоат мекунем ё муртакиби нофармонияш мешавем? Сипас фармуд: Эҳтиёт бошед, ки фирефтаи лаззат ва зинатҳои дунё нашавед, ки шуморо ба тарки он чи Аллоҳ ба шумо фармудааст ва дар он чи ҳаром кардааст, бикашонад. Ва яке аз бузургтарин фитнаҳое, ки бояд аз он барҳазар бошед, фитнаи занон аст ва ин аввалин фитнае буд, ки бани Исроил ба он гирифтор шуданд.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee